# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Садбарги Исо дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик). – Бохтар, 2025. – 177 саҳ.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқшуда ба шиносномаи ихтисоси илмии 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик) комилан мутобиқ мебошад. Зеро он ба масъалаи фаъолияти ниҳоди муҳимми давлатӣ дар самти таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991) бахшида шудааст. Рисола бо истифода аз сарчашмаҳои муътамад баррасӣ гардида, ба принсипҳои таҳқиқи илмии таърихи ватанӣ ҷавобгӯ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Мавзуи таҳқиқотӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқ пешниҳод шудааст, ба баррасии яке аз масъалаҳои азхудкунӣ ва истифодаи замин, муҳоҷирати кишоварзон аз як минтақа ба дигар минтақаи ҷумҳурӣ, ки ҳамеша муҳиммияти хоси иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҳатто сиёсӣ дорад, дарбар мегирад. Баробари барқарор гардидани Ҳокимияти Шуравӣ масъалаи аграрӣ дар ҳаёти иқтисодии Тоҷикистон ҷои асосиро ишғол намуд. Ислоҳоти Ҳокимияти Шуравӣ дар солҳои 20-30-юми асри XX дар дохили Тоҷикистон, аз он ҷумла дар минтақаи Кӯлоб ба раванди муҳоҷирати кишоварзӣ ва ташаккули хоҷагидории коллективӣ таконе бахшид. Кооператсияи оммавӣ дар қишлоқ колхозҳоро ба шакли асосии ташкили истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ва моликияти замин табдил дод. Муаллиф дар рисола ҳадафи аслиро дар омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни муҳоҷират ва азхудкунии заминҳои навкорами минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар давраи ташаккули сиёсати иҷтимоии давлати шуравӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар рисола нақши ин ҷараён дар амалигардонии сиёсати иҷтимоиву иқтисодӣ, таъсиси

хоҷагиҳои нави кишоварзӣ, муассисаҳои маишиву фарҳангӣ бахшида бо асноди бойгонӣ ва ҳуҷҷатҳои расмии замон исбот гардидааст. Мавзуи таҳқиқ мубрам ва саривақтӣ буда, дар таърихнигории муосири тоҷик бори аввал дар шакли таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод шудааст

**Навгонии илмӣ ва саҳми шахсии муаллиф**. Аз ҷумлаи навгониҳои илмии диссертатсия метавон инҳоро қайд кард: нахустин бор дар таърихнигории тоҷик таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991) мавриди омӯзиши илмии ҷиддӣ қарор гирифтааст. Ба таври умум навгониҳои илмии таҳқиқот дар ин мавзуъ на танҳо нигоҳ ба ҳолатҳо ва равандҳои давраи гузаштаро доранд, балки барои фаҳмидани пешрафтҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кунунии минтақаи Кӯлоб низ асоси илмиро фароҳам меоранд. Таҳқиқот метавонад барои таҳия ва такмили сиёсати муҳоҷират ва фарҳангии кунунӣ низ ҳаётан муҳим бошад.

**Натиҷаҳо ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда.** Диссертатсияи Садбарги Исо дорои якчанд натиҷаҳои муҳимми илмиест, ки дар илми таърихшиносии тоҷик бори аввал пешниҳод гардида, дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Нуктаҳои асосии илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда иборатанд:

- дар давраи муосир яке аз бартариҳои стратегӣ барои мамлакати мо истифода аз таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ, азхудкунии заминҳои нав, барои интихоби роҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, рушди илму техникаро бо самтҳои муҳимтарини сиёсати давлатӣ, аз қабили баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ, ноил шудан ба рушди иқтисодӣ ва таъмини амнияти миллӣ, инчунин омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи таърихии дар соҳаҳои асосии истеҳсоли саноати маҳсулоти кишоварзӣ ҷамъоваришударо дар бар мегирад.

- рушду тараққии иноватсионӣ бар пояи татбиқи иқтидори иҷтимоию иқтисодии дар минтақаҳои ҷумҳурӣ мавҷудбуда, шуъбаҳои истеҳсолӣ ва техникии бадастомада, ки таҷрибаи ҷамъшудаи шуравиро

дар маҷмӯъ, дар соҳаи иқтисодӣ ва аз ҷумла дар сохтмони хоҷагии об ва азхудкунии заминҳои навкорам инъикос мекунанд, татбиқ мегарданд.

- манбаъҳо ва сарчашмаҳое, ки мо барои омӯзиш ва таҳқиқ боздид намудем, аз он шаҳодат медиҳанд, ки вилояти Кӯлоб дар замони аввали инқилоб як гӯшаи аз назари иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ақибмондае будааст, ки мардумони он дар сахтӣ ва фақру нодорӣ ба сар мебурданд ва истиқрори Ҳукумати ҷадид ва татбиқи барномаҳои калонҳаҷме аз қабили муҳоҷиркунӣ ва шодобсозии заминҳои бекорхобида ба тану ҷони вилояти ҷони нав ва неруи тоза бахшида аст, боиси болоравии вазъи иҷтимоиву иқтисодии минтақа гардидааст.

- бар асари тадбирҳое, ки Ҳукумат дар маҳалҳо ва бавежа Ҳукумати марказӣ ба кор гирифт, дар вилояти Кӯлоб солҳои 50-уми қарни XX дигаргуниҳои азиме ба амал омад соҳаи кишоварзии вилоят яку якбора рӯ ба амал ниҳод ва кишоварзони вилоят аз заминҳои навкорам ҳосили фаровон ба даст оварданд ва вилоят ба як пойгоҳи азими маводи хоми кишоварзӣ табдил ёфт. Солҳои минбаъда бошад, пас аз роҳандозии шабакаҳои обрасонӣ вазъ ба маротиб беҳтар шуда, кишоварзон ба дастовардҳои калон ноил шуданд.

Ҳакмин тариқ, рисолаи илмӣ бо истифодаи усулҳои таҳлили мукаммали таърихӣ ва манбаъшиносӣ таҳия гардида, ба равшании тамоми самтҳои таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991) мусоидат кардааст.

**Саҳми шахсии муаллиф** дар интихоби мавзуи нав, таҳияи методологияи мушаххаси таҳқиқот, кор бо сарчашмаҳои хаттии тоҷикӣ, русӣ, ва таҳлили мундариҷаи иҷтимоиву сиёсии онҳо басо назаррас аст. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бо таҳлилу коркарди маводи мухталиф мақсад ва вазифаҳои гузошташударо иҷро намуда, дар навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва хулосаҳо саҳми худро гузоштааст. Ӯ бо такя ба маводи фаровони таърихӣ тавонистааст роҷеъ ба ин мавзуъ ва натиҷаҳои

тадқиқоти хеш дар масъалаи муҳоҷиркунӣ ва обёрии заминҳои нав андешаҳои бикр баён намояд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия.** Хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола баёнгардида бо асоснокӣ ва эътимоднокӣ фарқ менамоянд. Ин эътимоднокӣ дар навбати аввал ба таҳлили амиқ ва мантиқии сарчашмаҳои муътамад, ки асоси тадқиқотро ташкил медиҳанд, такя мекунад. Таҳлилҳои муқоисавӣ ва илмии дар рисола пешниҳодшуда, натиҷаи коркарди манбаъҳои аслӣ (қарорҳо, нақшаҳо, фармонҳо, ҳисоботҳои ташкилотҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ) мебошанд, ки дар асоси принсипҳои илмии таърихнигорӣ амалӣ гардидаанд. Муаллиф бо истифода аз методологияи таърихнигории муосир (таърихият, таносуби воқеият ва қонунгузорӣ, таҳлили сохторӣ-функсионалӣ) тавонистааст хулосаҳои хешро аз рӯйи мантиқ ва далелҳои қавӣ асоснок созад. Тавсияҳои дар охири рисола ифодаёфта, хусусан дар бахши «Татбиқи амалии натиҷаҳо», ҷанбаҳои воқеӣ ва муосири масъалаи таҳқиқшавандаро дар бар гирифта, имкони истифодаи онҳоро дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, омодасозии кадрҳо, таҳқиқи муҳоҷират ва азхудкунии заминҳои навкорам дар замони муосир фароҳам месозад. Ҳамаи хулосаҳо бо матни асосӣ ва маводи бойгонии истифодагардида робитаи мустақим доранд ва аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф ба таври амиқ ва масъулона бо маводи таҳқиқотии худ кор бурдааст. Бо назардошти навиштаҳои боло, метавон гуфт, ки хулосаю тавсияҳои дар рисола ифодаёфта асоснок, муътамад ва дар амалияву таҳқиқоти илмии минбаъда қобили истифода мебошанд

**Сохтори илмии диссертатсия**. Тарзи баён, нақшаи мантиқии таҳлили масъалаҳо ва мураттабсозии маводи илмӣ аз малакаи мустақили таҳқиқотии муҳаққиқ шаҳодат медиҳанд. Рисола аз муқаддима, се боб, зербобҳо, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо иборат буда, пайвастагии мантиқии байни қисмҳо пурра таъмин шудааст. Дар ҳар як боб масоили марбут ба таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон солҳои 1924-1991 таҳлили амиқ ёфтаанд.

**Муқаддимаи диссертатсия** яке аз бахшҳои асосии рисола ба шумор рафта, дар он зарурияти илмии таҳқиқ, навгонии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, мантиқи интихоб ва аҳамияти иҷтимоию сиёсӣ ва таърихии мавзуъ мукаммал ифода ёфтааст. Он бо мантиқи равшан, асоснокии назариявӣ ва равиши методологӣ таҳия шуда, ба таври комил муҳити илмии мавзуъро ифода мекунад. Муқаддима на танҳо зарурати интихоб ва асоси илмии мавзуъро нишон медиҳад, балки таҳқиқотро дар як заминаи муътамад ва мушаххаси таърихӣ ҷой медиҳад.

Боби якуми рисола «**Сиёсати муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои нав дар солҳои 1924-1970**» (саҳ. 23–82), аз ду зербоб иборат аст. Он ба таҳқиқи масъалаҳои рафти кӯчонидани аҳолии дохилӣ аз ноҳияҳои кӯҳсору доманакӯҳ барои азхудкунии заминҳои бекорхобида ва ташкил намудани хоҷагиҳои нави кооперативӣ, колхозу совхозҳо инъикос ёфтаанд. Дар боби мазкур хусусияти муҳоҷиркунии дохилӣ аз ноҳияҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳи мавзеъҳои вилояти Кӯлоб баён шудаанд (саҳ. 23–49). Муаллиф дар ин қисмат пас аз истиқрори Ҳукумати Шуравӣ ба масъалаи обёрӣ ва муҳоҷират аҳолӣ ба минтақаҳои хуби зист аз кӯҳистон таваҷҷуҳи калон зоҳир менамояд. Маълум аст, ки дар замонҳои қабл аз инқилоб тарзи зиндагии мардум ва хоҷагидории онҳо хеле сода ва ғайримуфид буда, натиҷаҳои кишоварзӣ низ хеле самаранок набуданд.

Давраи аввали муҳоҷир кардани аҳолӣ ва обёрии заминҳо дар Тоҷикистони Ҷанубӣ ба нимаи дуюми асри XX рост меояд, ки ин солҳо барои ҷумҳурӣ хеле сахт буданд. Вилояти Кӯлоб ҳамчун воҳиди маъмурӣ ба ҳайати Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро (ҶХШБ) дохил мешуд. «Аввалин корҳои мелиоративӣ дар ҶХШ Бухоро аз 17 августи соли 1922 оғоз ёфт. Корҳои обёрӣ асосан бо маблағҳои халқӣ, ки дар шакли андоз аз танобона ҷамъоварӣ карда мешуданд, гузаронида мешуданд». Дар соли 1924 дар ҳудуди ҷумҳурӣ 113, 4 ҳазор гектар замини обёрӣ мавҷуд буд. Аз ин теъдод 13,8 ҳазор гектар ба вилояти Қӯрғонтеппа ва 5,8 ҳазор гектар ба вилояти Кӯлоб ва дигар манотиқи ҷумҳурӣ рост меомад».

Сиёсати муҳоҷиркунонӣ дар Тоҷикистон, пеш аз ҳама дар як қатор ноҳияҳои обёришаванда: «Арал, Хоҷақалъа, Куктош, Фархор, Чӯбек ва ғайра гузаронида шуданд. Муаллиф собит месозад, ки нақши муҳоҷирон дар ташаккул ва рушди хоҷагиҳои нави кооперативӣ, колхозу совхозҳо татбиқ мекард (саҳ. 50–82). Доир ба яке аз масъалаҳои муҳими ҳукумати ҷумҳурӣ саҳм ва нақши муҳоҷирон дар таъсиси колхозу совхозҳо мавриди таҳқиқ қарор мегирад.

Бинобар сабаби соҳаи кишоварзӣ соҳаи дотатсионӣ будан, муттаҳид намудани хоҷагиҳои деҳқонӣ ба водиҳои бузурги кишоварзӣ ва ба қавли маъруф колхозу совхоз иқдоми дуруст маҳсуб меёфт.

Ҳамин тавр, муҳоҷиркунонии аҳолии кухистон ба водиҳои ҳамвори минтақа боиси он гардид, ки қисми зиёди заминҳои навкорам азхуд гардида, масоҳати майдонҳои кишт васеъ шуд. Ҳамзамон ҷойҳои нави корӣ таъсис ёфта, боиси ташкил намудани колхозу совхозҳо гардид.

Боби дуюми рисолаи мазкур «**Хусусиятҳои афзалиятноки муҳоҷиркунӣ дар вилояти Кӯлоб (с.1970-1985)**» (саҳ.83-114) ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Зербоби аввали боби дуюм (саҳ. 83–95) ба баррасии масъалаи давраи нави муҳоҷирати дохилӣ ва хусусиятҳои ҷараёни он дар минтақа таҳқиқ мекунад. Муаллиф тавассути мисолҳои дақиқ нишон медиҳад, ки ҷараёни муҳоҷиркунӣ дар вилояти Кӯлоб дар солҳои 70-ум ва нимаи аввали солҳои 80-уми асри XX хусусиятҳои воқеии худро дошт. Чунки ин намуди муҳоҷиркунӣ фақат дар дохили як вилоят гузаронида мешуд. Ва албатта, ин сабабҳои объективии худро дошт. Объекти асосии аҳолинишин дар охири солҳои 60-ум ва ибтидои солҳои 70-ум дар ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон водиҳои Ёвону Обикиик, Кӯлоб ва Вахш буданд.

Инчунин ёдовар шудан ба маврид аст, ки хоҷагиҳое, ки муҳоҷир карда мешуданд, шомили имтиёзҳои гуногун мегардиданд ва ин имтиёзҳо ба таври комил нисбат ба он хонаводаҳои муҳоҷир амалӣ карда мешуд. Аммо баъзе хонаводаҳо имтиёзҳои худро истифода намуда, яъне амволро дарёфт намуда,

онҳоро ба фурӯш расонида сониян ба маҳалҳои зисти қаблии хеш бармегаштанд.

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои боби дуюм, хулоса кардан мумкин аст, ки муҳоҷиркунонӣ ба минтақаи омӯзиш боиси зиёд гардидани майдонҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ, таъсиси водиҳои нави кишоварзӣ, рушди соҳаи фарҳанги минтақа ва баланд гардидани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ гардид.

Боби сеюми рисола «**Аҳамияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии сиёсати муҳоҷират дар рушди хоҷагии халқи вилоят**» (саҳ.115-142) ном дорад. Муҳаққиқ дар бахши аввали боби сеюм (саҳ. 115–128) қайд мекунад, ки дар канори шодоб сохтани заминҳои боир масъалаи маишат ва фарҳангу равшаннамоии мардум аз мадди назари давлатмардон ва масъулон дур намонда буд. Самти маънавӣ ва идеологӣ, ки дар назари аввал самти ноаён ва ночиз менамояд, дар худ неруи хеле бузургеро ҷойгузин намудааст, ки дар сурати дуруст кор фармудани он натиҷаҳои хеле дилхоҳ ба бор овардан лозим аст. Лозим ба ёдоварист, ки адабиёту фарҳанг низ ба ин кор ҷалб мешуд. Яъне адибон ба он ҷалб шуда буданд, ки асарҳои адабӣ эҷод кунанд ва дар он осори хеш марди кор ва майдон ва созандаи ҳаёти навро тарғибу ташвиқ кунанд.

Дар зербоби дуюми боб (саҳ. 129–142) масъалаи ба ҳаёти маданӣ-маишии муҳоҷирон дар хоҷагиҳои навбунёди минтақа бахшида шудааст. Дар он оварда мешавад, барои пешравӣ ва бунёди шароити зисту зиндагонии арзанда тамоми неру тавоноӣ, заковат ва фаҳму дарки мошинаи давлатӣ ва дастандаркорон ба бунёди шароити беҳтаре барои мардум равона карда шуда буд.

Дастаҳои ҳунарии ноҳияҳои навтаъсис бо барномаҳои ҳунарӣ дар колхозҳо ва деҳаҳои водии Кӯлоб ва дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва ҳатто берун аз қаламрави ҷумҳурӣ ҳунарнамоӣ мекарданд. Аз ин рӯ, 26 августи соли 1955 яке аз овозхонҳои маъруфи минтақа Одина Ҳошимов бо унвони фахрии «Ҳофизи халқии ҶШС Тоҷикистон» сазовор гардид.

Ҳамин тариқ баъд аз таҳлил ва омӯзиши ҷарёни муҳоҷират ва тағйиротҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии онҳо хулоса кардан мумкин аст, ки баъди паси сар кардани мушкилотҳои зиёд вобаста ба пешравӣ ва аз лиҳози иқтисодиву молиявӣ беҳтар гардидани колхозу совхозҳо вазъи иҷтимоию фарҳангӣ ва маданию маишии муҳоҷирон дар хоҷагиҳои навбунёд беҳтару хубтар мегардад.

Дар хулосаи рисола (саҳ. 143–154) натиҷаҳои муҳими илмӣ ба таври возеҳ ва низомнок оварда шудаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ дар доираи ихтисосҳои соҳаи илмҳои таърих ҷамъбаст гардида, тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ пурра мутобиқат менамояд.

Хулоса, сохтор, ҳаҷм ва мазмуни асосии диссертатсияи Садбарги И. дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» ба талаботи муайяншудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ буда, муҳтавои умумии диссертатсияро дарбар мегирад. Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 13 мақола дар дигар нашрияҳо интишор намудааст. Диссертатсияи Садбарги И. фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, бо далелҳои зарурӣ ва хулосаҳои мушаххас дар охири ҳар банд ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Сарфи назар аз сатҳи илмӣ ва арзиши муҳими кори таҳқиқотӣ, якчанд нуқтаҳоро барои такмили рисола метавон пешниҳод кард:

1. Ҳарчанд ҳуҷҷатҳои бойгонии зиёд истифода шудаанд, таҳлили миқдории фаъолияти ташкилотҳо (масалан, шумораи муассисаҳои кушодашуда, омӯзишгоҳи занона, марказҳои маишӣ ва ғ.) метавонад ба шинохти амиқтари масъала кӯмак кунад.

2. Таҳлили муқоисавӣ бо дигар ҷумҳуриҳо: Муқоиса бо сохторҳои ҳамсон дар Узбекистон ё Қазоқистон, ки каме ишора шудааст, агар васеътар пешниҳод мешуд, натиҷаҳои тадқиқотро тақвият мебахшид.

3. Таҳлили ҷанбаҳои танқидӣ: Диссертатсия ба ҷузъиёти ташкилӣ тамаркуз мекунад, вале дар бахши баррасиҳои интиқодӣ масалан, маҳдудиятҳои сохторӣ, муқовимати иҷтимоиву фарҳангӣ, ҷой барои таҳлили амиқтар боқӣ мемонад.

4. Матн: Баъзе қисмҳои матн  такрор шудаанд ва ба таҳрири  услубӣ ниёз доранд.

Аммо ин нуқсонҳо  ба арзиши илмии тадқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Дар маҷмуъ, диссертатсияи Садбарги Исо таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда, бо мақсад, вазифа ва методологияи мушаххас, манбаъҳои асоснок ва натиҷаҳои илмии қобили таваҷҷуҳ омода шудааст.

Диссертатсияи Садбарги Исо дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)»  ба талаботи бандҳои 31, 33, 34-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи Ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) сазовор мебошад.

**Доктори илмҳои таърих,**
**сардори шуъбаи таърихи**
**навтарини Институти таърих,**
**бостоншиносӣ ва мардумшиносии**
**ба номи А. Дониши АМИТ** **Абдурашитов Фозил Маматович**

**Имзои Абдурашитов Ф.М.-ро тасдиқ мекунам**

**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих,**
**бостоншиносӣ ва мардумшиносии**
**ба номи А. Дониши АМИТ** **Файзуллева Г.**

ШУЪБАИ КАДРҲО

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Тел.: (+ 992 (37) 224-13-83,